ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2026. – 191 с.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр** дар мавзуи **«Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат менамояд.

Дар забоншиносии тоҷик асарҳои зиёди илмӣ ба таҳқиқи муқоисавии феъл ва хусусиятҳои грамматикии он дар забонҳои гуногун бахшида шудаанд. Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муқоисавӣ, яъне таҳқиқи категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Феъл ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ амал ё ҳолати предметро ифода намуда, дорои низоми мураккаби шаклҳои грамматикӣ мебошад. Он дар ифодаи муносибатҳои гуногуни грамматикӣ ва модалӣ нақши муҳим дошта, дар ҷумла, пеш аз ҳама, вазифаи наҳвии хабарро иҷро мекунад. Аз ин рӯ, феъл дар ташаккули сохтори наҳвии ҷумла мавқеи марказӣ дорад. Дар байни категорияҳои грамматикии феъл категорияи тарз яке аз падидаҳои мураккаб ва гуногунҷабҳа ба шумор меравад, зеро бо воҳидҳои луғавӣ, сарфӣ, наҳвӣ ва мантиқӣ робитаи зич дорад.

Забоншиносии муқоисавӣ ҳамчун соҳаи муҳими илми забоншиносӣ ба таҳқиқи хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи сохторию маъноии

забонҳо машғул буда, таърихи тӯлонӣ дорад. Омузиши муқоисавии забонҳо барои муайян намудани умумиятҳо ва тафовутҳои низоми забонӣ, аз ҷумла, хусусиятҳои грамматикии забонҳои мавриди таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҳамчунин, дар заминаи татбиқи «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, № 438) масъалаи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Ин раванд зарурати густариши таҳқиқоти илмиро дар самти омузиши сохтор, хусусиятҳои грамматикӣ ва муқоисаи забонҳо тақвият мебахшад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 ба афзоиши талабот ба мутахассисони соҳибкасбе, ки забонҳои хориҷӣ, бахусус, русӣ ва англисиро хуб медонанд, таъкид намудаанд. Ин нукта аҳаммияти омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисосро дар шароити густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ боз ҳам бештар мегардонад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муқоисавӣ таҳқиқи низоми сарфии забонҳо ба шумор меравад. Қобили зикр аст, ки хусусиятҳои ин низом вобаста ба сохтори ҳар як забон гуногун буда, дараҷаи мураккабии падидаҳои грамматикӣ низ аз ҳамин хусусиятҳо вобастагӣ дорад. Дар забони англисӣ низ категорияи тарзи феълӣ ба қатори падидаҳои мураккаби грамматикӣ дохил шуда, бо дигар категорияҳои грамматикии феъл робитаи зич дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши муқоисавии ин категория дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои муайян намудани умумиятҳо ва фарқиятҳои сохторию маъноии онҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Масъалаи мазкур яке аз самтҳои мубрами таҳқиқоти забоншиносӣ ба шумор меравад.

Аҳаммияти омӯзиши мавзуи таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки категорияи тарзи феъл дар низоми сарфии ҳар як забон нақши муҳим дошта, дорои хусусиятҳои хоси грамматикӣ мебошад. Тавре аз таҳлили мухтасари андешаҳои дар боло зикршуда бармеояд, тарафдорони ақидаи алоқамандии категорияи тарз бо самти амал кам нестанд. Муаллифи диссертатсия низ бо он забоншиносоне ҳамфикр аст, ки фарқи байни маъноҳои самтиро ба хусусиятҳои самти амал вобаста медонанд, зеро самти амалро метавон яке аз падидаҳои грамматикии забон донист.

Бинобар ин, муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи корбурди категорияи тарзи феъл дар забонҳои гуногун яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавии муосир ба шумор меравад.

Гарчанде ҷанбаҳои гуногуни шаклҳои ғайритасрифии феъл, аз ҷумла, сифати феълӣ, феъли ҳол ва масдар, дар забоншиносии тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифта бошанд ҳам, масъалаи таҳқиқи муқоисавии категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таҳқиқи алоҳида ва ҳамаҷониба ниёз дорад. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр ба баррасии масъалаи муҳими забоншиносии муқоисавӣ бахшида шуда, барои муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ин категория дар забонҳои мавриди таҳқиқ аҳаммияти илмӣ дорад.

Ҳарчанд ҷанбаҳои гуногуни феъл ва шаклҳои грамматикии он дар забоншиносии тоҷик ва англис мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, масъалаи таҳқиқи муқоисавии категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли ин ду забон аҳаммияти хос дошта, баррасии амиқу ҳамаҷонибаи онро тақозо менамояд.

Масъалаҳои мавриди таҳқиқ дар диссертатсияи мазкур бо барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва самтҳои таҳқиқоти илмӣ робитаи зич доранд.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар таҳияи маводи таълимӣ, такмили барномаҳои таълимии самти забоншиносӣ ва омӯзиши муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи муқоисавии категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи он дар забонҳои мавриди таҳқиқ ва ҷамъбасти натиҷаҳои илмӣ зоҳир мегардад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф категорияи тарзро дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар робита бо диатеза ва самтҳои феълӣ мавриди таҳқиқи муқоисавӣ қарор дода, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онро муайян намудааст.

Маводди назариявӣ ва амалии диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ буда, метавонад барои ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик мусоидат намояд.

Бояд зикр намуд, ки натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявӣ буда, аз сатҳи хуби омодагии илмии диссертант шаҳодат медиҳанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва рӯйхати интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 191 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Муҳтавои диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омузиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети

таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии он, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **"Ҷанбаҳои назариявии категорияи тарзи феълӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ"** унвон гирифта, аз се фасл иборат аст.

Фасли аввал **"Роҷеъ ба моҳияти категорияи тарзи феълӣ ва намудҳои он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ"** ном дорад, муаллиф ақидаҳои забоншиносони маъруфро оид ба моҳият ва хусусиятҳои грамматикии категорияи тарз таҳлил намуда, хусусиятҳои ин категорияро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар асоси муқоисаи далелҳои забонӣ баррасӣ кардааст. Муаллиф бар он назар аст, ки дар ҳар ду забон ду самти асосии феъл – фоил ва мафъул мавҷуданд.

Фасли дуюми боби якум **"Алоқаи категорияи тарз бо хусусиятҳои луғавӣ-наҳвии феълҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ"** ном дорад, муаллиф робитаи категорияи тарзро бо мубтадо, пуркунанда ва хусусиятҳои гузарандагиву мондагии феълҳо дар асоси мисолҳои забонҳои муқоисашаванда таҳлил кардааст. Ҳамчунин, андешаҳои муҳаққиқони гуногунро оид ба ин масъала баррасӣ намуда, мавқеи илмии худро дар бораи фарқияти хусусиятҳои луғавӣ-наҳвии феълҳо ва шаклҳои грамматикии категорияи тарз баён кардааст.

Дар фасли сеюми боби аввал, ки **"Алоқаи категорияи тарз бо валентнокии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** унвон гирифтааст, роҷеъ ба мафҳуми валентнокии феъл ва робитаи онро бо категорияи тарз баррасӣ намуда, феълҳоро аз рӯйи шумораи иштирокчиёни амал ба гурӯҳҳои яквалентӣ, дувалентӣ ва севалентӣ ҷудо кардааст. Бо истифода аз мисолҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хусусиятҳои валентнокии феълҳо ва таъсири онро ба ифодаи самти амал таҳлил намудааст. Ҳамзамон, муаллиф хусусиятҳои феълҳои амалашон равонанабударо баррасӣ

намуда, фарқияти онҳоро аз феълҳои амалашон ба объект равонашуда нишон додааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Баррасии категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ном дорад ва аз се фасл иборат аст.

Фасли якуми боби дуюм **“Маъно ва вазифаи шаклҳои тарзи феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ном дорад, диссертант хусусиятҳои маъноӣ ва грамматикии шаклҳои фоил ва мафъулро дар забонҳои муқоисашаванда таҳлил кардааст. Бо истифода аз мисолҳои мушаххас роҳҳои ташаккул ва фарқиятҳои сохтории ин шаклҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ шарҳ дода, нақши феълҳои ёварро дар ташаккули шакли мафъул баррасӣ намудааст. Ҳамчунин, хусусиятҳои истифодаи ин шаклҳоро вобаста ба гузарандагии феълҳо ва самти амал муайян кардааст.

Фасли дуюми боби дуюм **“Шаклҳои замонию намудии тарзи мафъул дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** ном дошта, масъалаи хусусиятҳои истифода ва ташаккули шаклҳои мафъули феълро дар замонҳои гуногун баррасӣ шудааст. Дар асоси мисолҳои муқоисавӣ фарқиятҳои сохторию грамматикии шаклҳои мафъул ва нақши феълҳои ёвар дар забонҳои мавриди таҳқиқ муайян шудааст. Ҳамчунин, имкониятҳои истифодаи шакли мафъул вобаста ба хусусиятҳои феълҳо ва меъёрҳои грамматикии ҳар ду забон таҳлил шудааст.

Фасли сеюми боби дуюм **“Вазифаи коммуникативии шаклҳои мафъули феъл дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** ном дорад, муаллиф нақши шаклҳои мафъулро дар ташкили иттилооти ҷумла ва таҷзияи актуалии он баррасӣ кардааст. Дар асоси назарияҳои забоншиносон ва мисолҳои муқоисавӣ вазифаи коммуникативии пуркунандаи агентивӣ ва хусусиятҳои истифодаи шаклҳои мафъулро бо он ва бе он таҳлил

намудааст. Ҳамчунин, фарқиятҳои истифодаи шаклҳои мафъулро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян кардааст.

Боби сеюми диссертатсия **“Тазоди тарз дар системаи шаклҳои ғайритасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** номгузорӣ шуда, аз чор фасл иборат аст.

Фасли якуми боби сеюм **“Маълумоти умумӣ оид ба вербалияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва масъалаи категорияи тарз дар онҳо”** ном дорад, хусусиятҳои шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муқоиса гардида, фарқиятҳои сохторию грамматикии онҳо бо мисолҳои мушаххас шарҳ дода шудаанд. Ҳамчунин, низоми масдар, сифати феълӣ, феъли ҳол ва герундий баррасӣ гардида, мавҷудияти категорияи тарз дар шаклҳои ғайритасрифии феълҳои ҳар ду забон муайян шудааст. Дар анҷом, дараҷаи омӯзиши ин масъала дар забоншиносии тоҷик таҳлил гардида, ба маҳдуд будани таҳқиқоти махсус дар ин самт ишора шудааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм таҳти унвони **“Категорияи тарзи масдар дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** хусусиятҳои грамматикӣ ва вазифаҳои наҳвии масдар дар забонҳои муқоисашаванда баррасӣ гардида, роҳҳои ташаккули он ва ифодаи категорияҳои намуду тарз таҳлил шудаанд. Дар асоси мисолҳои муқоисавӣ фарқиятҳои истифодаи масдар дар вазифаи мубтадо муайян гардида, таъсири ҷонишинҳои соҳибӣ ва нишондиҳандаҳои соҳибият ба ифодаи самти амал дар забони тоҷикӣ шарҳ дода шудааст. Ҳамчунин, хусусиятҳои тарҷумаи масдари тоҷикӣ ба забони англисӣ ва истифодаи герундий дар баъзе мавридҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Фасли сеюми боби сеюм **“Категорияи тарзи герундий ва воситаҳои ифодаи он ба забони тоҷикӣ”** хусусиятҳои грамматикӣ ва вазифаҳои наҳвии герундий дар забони англисӣ ва роҳҳои ифодаи он дар забони тоҷикӣ таҳлил шудаанд. Дар асоси мисолҳои муқоисавӣ шаклҳои фоил ва

мафъули герундий баррасӣ гардида, роҳҳои тарҷумаи онҳо бо истифода аз масдар ва дигар воситаҳои грамматикии забони тоҷикӣ муайян шудаанд. Ҳамчунин, монандӣ ва фарқияти герундийи англисӣ ва масдари тоҷикӣ аз ҷиҳати хусусиятҳои исмию феълӣ ва ифодаи иҷрокунандаи амал шарҳ дода шудааст.

Фасли чоруми боби сеюм **"Категорияи тарз дар сифатҳои феълии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** ном дорад, хусусиятҳои сохторӣ ва грамматикии сифати феълӣ дар ҳар ду забон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф шаклҳои замонӣ ва самтии сифати феълии забони англисиро бо шаклҳои категориалии сифати феълии забони тоҷикӣ муқоиса намуда, хусусиятҳои ташаккул ва истифодаи онҳоро дар асоси андешаҳои муҳаққиқони соҳа баррасӣ кардааст. Таҳлилҳои анҷомёфта барои муайян намудани умумият ва фарқиятҳои грамматикии сифати феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳаммияти илмӣ доранд.

Хулосаи диссертатсия мутобиқ ба талаботи муқарраргардида таҳия гардида, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро фаро гирифтааст. Муаллиф дастовардҳои илмии таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, натиҷаҳои бадастомадаро дар шакли хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст. Мазмуни хулосаҳо бо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мутобиқат дошта, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардаро инъикос менамояд.

Феҳристи манобеи истифодашуда бо риояи талаботи муқарраргардида таҳия гардида, адабиёти илмии марбут ба мавзуи таҳқиқотро фаро мегирад. Он истифодаи сарчашмаҳои назариявӣ ва таҳқиқоти илмии марбут ба масъалаи мавриди омӯзишро инъикос намуда, барои асоснокии илмии натиҷаҳои таҳқиқот замина фароҳам овардааст.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии диссертатсия метавонанд ҳамчун заминаи назариявию

методологӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи муқоисавии категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феълҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои бадастомада барои рушди забоншиносии муқоисавӣ, грамматикаи назариявӣ ва амалӣ, таҳқиқоти типологӣ ва назарияву амалияи тарҷума аҳаммияти илмӣ дошта, метавонанд дар пажӯҳишҳои минбаъдаи филологӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Мақолаҳои илмии нашрнамудаи муҳаққиқ ба мавзуи диссертатсия мувофиқ буда, муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои муҳими таҳқиқотро инъикос менамоянд. Натиҷаҳои илмии диссертатсия бо теъдоди зарурӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ба муҳтаво, мазмун ва натиҷаҳои асосии диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр** дар мавзуи **«Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва *ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»*** *мутобиқ буда, ба* талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе норасоиҳо ва нуқтаҳои қобили таваҷҷуҳ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ба назар гирифтани онҳо метавонад ба боз ҳам беҳтар гардидани сифати кори илмӣ мусоидат намояд:

1. Бархе шарҳу тавзеҳот ба такмил ниёз доранд, масалан саҳ. 53, 54. Бояд қайд кард, ки феълҳои ***take*** ва ***put*** метавонанд вобаста ба контекст севалента шаванд, аммо муаллиф ин хусусиятро нодида гирифтааст. Ё худ муаллиф қайд мекунад: дар ҷумлаҳои якум ва сеюм феълҳои “brushed” ва

“надидан” дорои ду актант мебошад: Michael - мо ва hair-духтаракро, ки ин нодуруст аст, муаллиф омехта кардааст. Дар ҷумлаи Michael brushed his hair актанти 1 Michael, актанти 2 his hair аст ва он бояд алоҳида муайян карда шавад.

2. Ҳамзамон, дар таҳлили валентнокии феълҳо баъзе норасогиҳои назариявӣ ва методологӣ ба назар мерасанд (с. 53).

3. Бо вуҷуди он, ки кор забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар бар мегирад, овардани мисоли забони русӣ зарурат надорад. Масалан: Феълҳои русии “светает”, “моросит” ва ғайра ба валентӣ тааллуқ доранд, зеро онҳо талаб намекунанд, ки ягон иштирокчӣ номбар карда шавад (с. 53).

4. Баъзе фикру ақидаҳо бо сарчашмаҳои муътамад асоснок карда шаванд (с. 69-70). Роҷеъ ба масъалаи категорияи тарз дар забоншиносии тоҷик як қатор корҳои шоиста роиҷанд, вале дар аксарияти ҳолат олимони рус оварда шудааст.

5. Дар баъзе ҷойҳо тоҷикӣ ва англисӣ, дар баъзе мавридҳо англисӣ тоҷикӣ омадааст, ки ба як назми дақиқ ниёз дорад. Инчунин, дар аксари ҳолат мисолҳои англисӣ оварда шудааст, ҳоло он, ки кор бояд аввал забони тоҷикиро мушаххас созад ва бештар мисолҳои тоҷикиро овард (с. 24, 25, 26).

6. Дар таркиби диссертатсия (саҳ. 3, 33, 54, 63, 67, 102) ва автореферат (саҳ. 3, 4, 5, 7, 18, 19, 22, 45) хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқӣ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 - Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ

дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр** дар мавзуи **«Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти анҷомёфта, мустақилона ва арзишманди илмӣ буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
забони англисии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Раҳимзода Муҳаммадназар Сафар
«16» октябри соли 2026.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои №16.
Телефон: (+ 992) 918929919.
E-mail: max_9109@mail.ru

Имзои М.С. Раҳимзодаро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Эмомалӣ Шодихон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+ 992 37) 223 17 89, 221 62 25. Факс: (+ 992 37) 227 15 10.
E-mail: info@tnu.tj
«16» октябри соли 2026.